Таҳлили таъсири танзимкунии
лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бози лото"

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото» |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад | Шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки ба фаъолияти кассаҳои тотализатор идораҳои букмекерӣ ва бозии лото машғуланд |
| Мӯҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 12 августи соли 2020 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи Қонун дар феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.07.2020 ҷойгир карда шудааст. |
| Маҷмуи таклифҳо аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи Қонун таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.<br>Пас аз дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи Қонун машварати оммавӣ гузаронида шуда, нақшаи қабули лоиҳа аз ҷониби тарафҳои манфиатдор ҷонибдорӣ гардид. |
| Тафсири мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | Таҷриба нишон медиҳад, ки бинобар мавҷуд набудани санади меъёрии мушаххаси танзимкунандаи соҳа, солҳои зиёд фаъолияти идораҳои букмекерӣ, кассаҳои тотализатор ва бозиҳои лото ба таври худкор танҳо дар асоси як иҷозатнома ба роҳ монда шуда, ҳатто ҳолатҳои қабули асъори хориҷӣ аз мизоҷон, қабули шартбандиҳо аз ноболиғон, истифодабарии барномаҳои хориҷӣ, бахусус казино, бозиҳои ғайриқонунӣ – автоматҳои бозӣ ва ғайра ҷой дошта, боиси фиреби мизоҷон, поймол шудани |

| | |
|---|---|
| | ҳуқуқи иштирокчиён ва дар маҷмӯъ мадди назар гардидани манфиатҳои шаҳрвандон гардида истодааст.<br>Дар ин замина, дар рафти гузаронидани семинару машваратҳо аз ҷониби Вазорат муайян гардид, ки яке аз омилҳои муҳими мавҷуд будани мушкилиҳо дар ин самт набудани меъёри танзимкунанда мебошад.<br>Айни замон танзим ва назорати давлатии фаъолияти идораҳои букмекерӣ, кассаҳои тотализатор ва бозии лото дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар доираи қонунгузории иҷозатномадиҳӣ ба роҳ монда шуда, бо назардошти пешравии босуръати илму техника танзими фаъолияти субъектони дар ин самт фаъолияткунанда бениҳоят маҳдуд мебошад.<br>Омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон дод, ки танзими фаъолияти идораҳои букмекерӣ, кассаҳои тотализатор ва бозиҳои лото дар баробари қонунгузории иҷозатномадиҳӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида ба танзим дароварда мешаванд.<br>Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото» асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лоторо муайян намуда, муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба амалишавии ин намуди фаъолиятҳо ба танзим медарорад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иҷозатномадиҳӣ ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015, №187 мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими фаъолияти кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ, ва бозии лото муқаррар гардида, лоиҳаи мазкурро бо мақсади дуруст ва ҳамаҷониба танзим намудани ин намуд фаъолият, муқаррар намудани талаботҳои |

| | |
|---|---|
| | мушаххас ва пурзур намудани назорат таҳия намудааст. |
| Тафсири мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда аз ҷумла, чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото» асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото муайян гардида, ҳуқуқу уҳдадориҳои ташкилкунандагон, иштирокчиён ва танзими давлатии ин намуди фаъолиятро муқаррар ва муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба амалишавии ин намуди фаъолиятҳо ба танзим даровarда мешавад.<br>Маҳдудиятҳо ба ин намуди фаъолият тибқи лоиҳаи пешниҳодшуда:<br>Дар кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото ташкил намудан ва гузаронидани шаклҳои фаъолиятҳои зерин манъ карда мешаванд:<br>- казино;<br>- толори бозиҳои автоматӣ;<br>- казинои электронӣ;<br>- бозӣ бо карта;<br>- ташкил ва гузаронидани лотерея;<br>- фаъолияти казинои электронӣ ва казино тавассути интернет;<br>- бастани шарт, қабули маблағ, пардохти бурд берун аз кассаҳои тотализаторӣ, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото.<br>Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахси ҳуқуқии хориҷӣ, филиал, намояндагӣ ва воҳиди алоҳидаи он бе қайди давлатӣ дар мақомоти андоз ва бе иҷозатнома машғул шудан ба фаъолияти кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото, инчунин тавассути шабакаҳои онлайн – интернетӣ, сомона ва серверҳо ба роҳ мондани фаъолияти кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото манъ карда мешаванд.<br>Маҳдудиятҳо барои фаъолияти кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото нисбати субъектони хориҷӣ тавассути шабакаи интернет ҷорӣ карда мешаванд.<br>Талабот нисбат ба роҳбар, сармуҳосиб ва ташкилкунандагони фаъолияти кассаҳои |

| | |
|---|---|
| | тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото ҷорӣ карда мешаванд.<br>Нисбат ба ташкилкунандагони фаъолияти кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото маблағҳои захиравию кафолатӣ, воситаҳои техникӣ ва қоидаҳои қабули шартбандии ташкилкунандагони фаъолияти кассаҳои тотализатор, идораи букмекерӣ ва бозии лото ҷорӣ карда мешавад.<br>Нисбат ба муштариёни кассаи тотализатор, идораи букмекерӣ ва бозии лото талабот муқаррар када мешавад.<br>Дар лоиҳа барои ҷойгиршавии нуктаҳои фаъолияти ширкатҳои букмекерӣ ва лото маҳдудиятҳо муқаррар карда шуд.<br>Аз ҷумла:<br>1. Кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото ва нуктаҳои қабули маблағҳои пулии онҳо, ба истисноӣ терминалҳои электронии қабули пардохтҳо, танҳо дар биноҳо, иншоотҳо, иморатҳо, ки объектҳои асосии сохтмонҳо мебошанд, ҷойгир карда, биноҳои мазкур бо камераҳои мушоҳидавай ва тугмачаи бонги хатар таҷҳизонида мешаванд;<br>2. Кассаҳои тотализатор, идораи букмекерӣ ва бозии лото ва нуктаҳои қабули маблағҳои пулии онҳо ҷойгир карда намешаванд:<br>- дар объектҳои сохтмони нотамом, объектҳои сохтмони муваққатӣ, киоскҳо, дар зери айвонҳо ва дигар объектҳои ба ин монанд;<br>- дар биноҳо, иншоотҳо, иморатҳо, ки дар онҳо муассисаҳои кӯдакона, маориф, тандурустӣ, санаторию курортӣ ҷойгир аст;<br>- дар биноҳои вокзали нақлиёт, вокзали роҳи оҳан, аэропортҳо, дар истгоҳ ва терминалҳои тамоми намуди воситаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ, шаҳрӣ ва берун аз шаҳрӣ;<br>- дар бинохое, ки таъиноташон ба амалӣ намудани ташкил ва гузаронидани бозиҳо вобаста намебошад;<br>- дар биноҳо, сохтмонҳо, иморатҳое, ки дар моликияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, корхонаҳои давлатӣ, ки дар онҳо мақомоти давлатии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ қарор доранд; |

| | |
|---|---|
| | - дар биноҳо, сохтмонҳо, иморатҳое, ки муассисаҳои динӣ қарор доранд.<br>3. Дар ҳудуди хизматрасонии иштирокчиёни кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото бояд кассаҳои қабули маблағҳо мавҷуд бошанд;<br>4. Ташкилкунандагони бозӣ бо ёрии таҷҳизотҳои техникӣ ва махсус, ки дар маркази таҳлилӣ ва равандикунонӣ ҷойгир карда шудаанд, ҳисоб, коркарди маблағҳои пулӣ, бақайдгирии натиҷа ва пардохти бурдро таъмин намоянд.<br>5. Ташкилкунандагони бозӣ бояд дар кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото имкониятҳоро барои иштирокчиён оид ба мушоҳидаи рафти бозӣ ва натиҷаи шарти бозӣ таъмин намоянд;<br>6. Дар ҳудуди хизматрасонии нуқтаи қабули маблағҳои пулӣ бояд таҷҳизоти махсус барои нигоҳдории муваққатии маблағҳо мавҷуд бошад;<br>7. Дар нуқтаи қабули маблағҳои пулии кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото бояд таҷҳизотҳои пайвасткунандаи алоқаи барқӣ ҷойгир карда шавад, то ки ба воситаи онҳо дар марказҳои равандикунонии кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото маълумот дар бораи пардохти бурдҳо, дар бораи рафт ва натиҷаи бозӣ, пешниҳоди маълумот оид ба маблағҳои пулии гузошташуда, дар бораи бурдҳои пардохтшуда ё пардохтнашуда қабул карда шаванд. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Қайд карда мешавад, ки зарурати қабули қонуни мазкур дар соҳаи фаъолияти кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото як қатор мушкилоти зеринро дар бар мегирад:<br>- набудани санади ягонаи меъёрии ҳуқуқии танзимкуннадаи фаъолияти кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото;<br>- қабули шартбандиҳо аз ноболиғон;<br>- истифодабарии барномаҳои хориҷӣ, мизу автоматҳои бозӣ ва ғайра ҷой дошта, ки ин ҳама |

| | |
|---|---|
| | боиси фиреби мизоҷон, поймол шудани ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиён, яъне шаҳрвандон гардидаанд;<br>- дуруст ба роҳ монда нашудани танзим ва назорати давлатии фаъолияти идораҳои букмекерӣ, кассаҳои тотализатор ва бозии лото дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бо назардошти пешравии босуръати илму техника танзими фаъолияти субъектони дар ин самт фаъолияткунанда бениҳоят маҳдуд мебошад;<br>- муайян набудани шаффофияти фаъолият, канораҷӯии манбаъҳои андозбандии бозиҳое, ки тариқи шабакаи интернет ба роҳ монда мешавад.<br>Дар сурати қабул нагардидани лоиҳаи мазкур чунин мушкилотҳо метавонад дар ин самт ба вуҷуд ояд:<br>• Соҳаи фаъолияти идораҳои букмекерӣ, кассаҳои тотализатор ва бозиҳои лото бе танзими мушаххаси ҳуқуқӣ боқи мемонанд;<br>• фаъолияти ширкатҳои хориҷии букмекерӣ, ки фаъолияти худро бекайди давлатӣ дар кишвар ба роҳ мондаанд, бе назорати давлатӣ боқӣ мемонанд;<br>• гирифтани сади роҳи ширкатҳои якрӯза ҷиҳати воридшавӣ ба ин намуди фаъолият имконнопазир мегардад. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти давлатии эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва роҳҳои дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Қабули Қонуни мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб наменамояд.<br>Дар сурати қабул гардидани Қонуни мазкур қоидаҳо ва тартиби фаъолияти идорахои букмекерӣ, кассаҳои тотализатор ва бозии лото дар Ҷумхурии Тоҷикистон бо як низоми махсус ба танзим даровардa мешаванд.<br>Оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ:<br>Аз қабули Қонуни мазкур тартиб ва роҳҳои қонунӣ ва боэътимоди фаъолияти идораҳои букмекерӣ, кассаҳои тотализатор ва бозии лото танзими мегарданд. |

| | |
|---|---|
| | Ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни фаъолияти идораҳои букмекерӣ, кассаҳои тотализатор ва бозии лото мушаххас мегардад. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф дар даварияти ҷамъоварии он | Дар сурати қабули Қонуни мазкур, фаъолияти ширкатҳои букмекерӣ, тотализаторҳо ва бозии лото ба низоми ягонаи иттилотӣ пайваст гардида, маблағи аз ҳисоби ин намуди фаъолият дар воқеъ дар гардишбуда муайян ва дар ин замина боиси ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ мегардад.<br>Инчунин, машғул шудани ширкатҳои якрӯза ба ин намуди фаъолият пешгирӣ карда шуда, мониторинги соҳа ба танзим дароварда мешавад. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 5 октябри соли 2020 |

Муовини вазир Ю. Маҷидӣ

Иҷро кард:
Сардори Раёсати ҳуқуқ
Б. Сатториён